*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Назаров Муродали Солеҳович дар мавзуи « Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)**

Дар сатҳи ҷамъиятӣ, арзишҳои инсонӣ ва сатҳи хуби зиндагии онҳо ҳамеша ҳадафи олии ҳар як давлат маҳсуб ёфта ин масъала ҳамеша дар маркази диққати роҳбарони давлатҳо қарор дорад. Дар ҷомеаи имруза сатҳу сифати зиндагӣ аз иҷрои як қатор масъалаҳои муҳим иборат буда он пеш аз ҳама ба таъминоти аҳолии кишвар бо маводи озуқаворӣ аз сатҳи иҷрои талаботи мардум ба маводи хӯрока дар доираи истеҳсолоти дохилӣ ва дараҷаи дастрасии онҳо ба ин масъала муайян карда мешавад. Зеро дар ҷомеаи имрӯза раванди мураккаб дар солҳои охир бо вазъи иҷтимоӣ ва тафриқагузории маҳаллии аҳолӣ ҳамбастагии зиёд дошта зарурияти таҷдиди як қатор масъалаҳоро ба минён овардааст, ки онҳо дар беҳтаргардониии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидати ҳаматарафа менамоянд. Ба вуҷуд овардани низоми назорати сатҳи зиндагии аҳолӣ барои таъминоти саривақтии маълумот оиди ин масъалаҳо зарур мебошад. Зеро усулҳои мавҷудаи баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақа имкони пурраи таҳлили вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва муайянсозии мушкилоти камбизоатиро дар шароити имрӯза фароҳам намеорад. Таҳқиқоти анҷомдодаии муаллиф ба таври мукаммал муракабии сатҳу сифати зиндагии аҳолиро дар бар гирифта муаммоҳои дар ин самт ҷойдоштаро дар сатҳи зарури ҳал менамояд. Ғайр аз ин қайд кардан зарур аст, ки автореферати диссертатсияи Назаров Муродали Солеҳович ифодаи мантиқии диссертатсияи номбурда буда дар он ҷанбаҳои назариявӣ

ва амалии сатҳу сифати зиндагии аҳолии вилояти Хатлон баррасӣ гардидаанд, ки ба мақсад мвофиқ мебошад. Новобаста аз дастоварду мувафақиятҳои илмии Назаров Муродали Солеҳович беҳтар мегардид, агар ба масъалаҳои зерин аҳамияти ҷиддӣ дода мешуд:

1. Сифати таҳқиқот беҳтар мегардид агар ба нишондиҳандаҳои сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода, ба воситаи он ҳолати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро баҳо медод;

2. Агар муаллиф бо истифода аз 12 нишондиҳандаи пешниҳоднамудаи СММ барои муаянсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар таҳқиқоти худ истифода менамуд сифати кори анҷомдодашуда беҳтар мегардид.

Дар умум автореферати диссертатсияи Назаров Муродали Солеҳович дар мавзуи « Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Назаров Муродали Солеҳович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии ДМТ** **А.К. Комилов**

**Имзои А.Қ. Комиловро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э**

23-06-23

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Ш. Душанбе, Рудакӣ 17.**
http: www. tnu.tj 55-444-07-70